# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология, шаҳри Душанбе, 2026 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи пешниҳодкардаи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.34. Физиология ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 1.5.34. Физиология мутобиқат мекунад:

**Банди II,** зербанди 1. Омӯзиши қонуниятҳо ва механизмҳои нигоҳдории доимияти муҳити дохилии организм.

**Банди II,** Зербанди 2. Таҳлили механизмҳои танзими асабӣ ва гуморалии равандҳои генетикӣ, молекулярӣ, биохимиявӣ, ки динамикаи алоқамандии функсияҳои физиологиро муайян мекунад.

**Банди II,** Зербанди 3. Таҳқиқи қонуниятҳои функсионалии системаҳои асосии организм (асабӣ, иммунӣ, сенсорӣ, ҳаракатӣ, хун, гардиши хун, гардиши лимфа, нафаскашӣ, ихроҷ, ҳозима, инкишоф, тарашуҳи дохилӣ ва ғайра).

**Мубрамии мавзуъи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуъи таҳқиқоти илмии пешниҳодгардида ба он асос меёбад, ки пандемияи COVID-19 дар таърихи инсоният ҳамчун ҳолати фавқулодаи моҳияти байналмилалӣ дошта боқӣ монд. Новобаста аз рушди соҳаи тандурустии ҷаҳонӣ, ҳатто давлатҳои мутараққӣ дар мубориза бар зидди ин беморӣ оҷиз монданд. Пандемияи COVID-19 тибқи омори мавҷуда боиси сироятёбии 777 миллион одамон дар тамоми дунё гашта, аз ин шумора зиёда аз 7 миллион нафар ба ҳалокат расидаанд.

Сабаби марговарии баланд аз COVID- 19 асосан ба он алоқамандӣ дошт, ки барангезанда он аввалин маротиба дар шакли мутатсияшуда дар байни одамон паҳн гашта, системаи масунияти инсон барои аксуламали ҷавобӣ гардонидан бар зидди ин вирус омода набуд. Ин ба

он боис гашт, ки ҳангоми беморӣ яку якбора халалдоршавии вазифаҳои физиологии узвҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла шушҳо дар натиҷаи илтиҳоби шадид, дил, гурдаҳо, ҷигар ва системаи лахташавии хун ба вуҷуд омад. Вайроншавии фаъолияти узвҳо ҳолатҳои барои ҳаёти инсон хатарнок, аз ҷумла гипоксия, атсидоз, баландшавии лахташавии хун ва дигар ҳолатҳои патологиро ба вуҷуд овард.

Таҳлили адабиёти мавҷуда аз тарафи муаллиф нишон додааст, ки ҳарчанд оид ба таъғйирёбии равандҳои физиологӣ ва биохимиявии организми беморони COVID – 19 таҳқиқотҳои зиёд анҷом дода шуда бошанд ҳам, то ҳол динамикаи амиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии таркиби хуни беморони сироятёфта пурра омӯхта нашуда, натиҷаҳои бадастомада баҳсангез ва ҳатто баъзан ба якдигар мухолиф боқӣ мемонанд.

Аз ҳамин лиҳоз муаллиф назди худ мақсад гузоштааст, ки таъғйиротҳои физиологӣ ва биохимиявии организми беморони COVID – 19, аз ҷумла таҳлили газҳои хун, таҳлили клиникӣ ва биохимиявии хун, лахташавии хун, формулаи лейкотситарӣ ва индекси лейкотситарии захролудшавиро мавриди омӯзиш қарор диҳад. Бо назардошти масъалаҳои дар боло зикргардида, мавзуъи диссертатсия саривақтӣ, мубрам ва ба талаботи имрӯзаи илми физиология пурра ҷавобгӯ шуморида мешавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаи таҳқиқоти муаллиф муайян намудааст, ки ҳангоми илтиҳоби шадиди роҳҳои нафас раванди мубодилаи газҳо вайрон гардида, зиёдшавии гази карбонат, камшавии фишори партсиалии оксиген ва паст шудани дараҷаи сершавии гемоглобин бо оксиген ба амал омада, ҳамзамон муҳити дохила ба тарафи кислотагӣ майл менамояд.

Муайян карда шудааст, ки дар системаи лахташавии хуни беморони COVID-19 тағйироти боварибахш дар ба амал меояд. Он дар камшавии вақти қисман фаъолшавии тромбопластинӣ (ВҚФТ), муносибати байналмилалии муқарраршуда (МБМ), баландшавии миқдори фибриноген ва Д-димер зоҳир меёбад, ки боиси

гиперкоагулятсияи хун мегардад.

Миқдори лейкотситҳо, хусусан дар беморони дараҷаи миёнавазнин ва вазнин зиёд шуда, дар формулаи лейкотситарӣ нейтрофилҳо афзалият доранд.

Аввалин маротиба дар Тоҷикистон таҳқиқи тағйирёбии миқдори ионҳои натрий, калий ва калтсий дар таркиби хуни беморони COVID-19 анҷом дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон додаанд, ки дар беморон камшавии сатҳи ионҳои калтсий, калий ва натрий ба вуҷуд меояд.

Муайян карда шудааст, ки тақрибан дар 30%-и беморони COVID-19 баландшавии фаъолиятнокии ферментҳои аминотрансфераза, ва миқдори амилаза, фосфатазаи ишқорӣ, глюкоза, билирубин ва холестерин мушоҳида карда мешавад.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида ба натиҷаҳои таҳқиқоти лабораторӣ, инчунин коркарди омории маълумоти бадастомада асос ёфта, аз ҷиҳати илмӣ эътимоднок мебошанд.

Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда аз натиҷаҳои мустақими таҳқиқот бармеоянд ва таъғйиротҳои физиологӣ ва биохимиявиро дар организми беморони COVID – 19 инъикос менамоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 149 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод гардида, аз муқаддима, 4 боб, 15 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёт, ки 161 ададро дар бар мегирад иборат аст. Дар диссертатсия 14 ҷадвал, 5 расм ва 27 диаграмма оварда шудааст.

**Дар муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, инчунин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён гардидаанд.

**Дар боби якум**, шарҳи адабиёт оварда шудааст. Ин боб аз шаш зербоб иборат буда, унвонҷӯ дар зербоби 1.1. оид ба сохтори

молекулавӣ ва таснифот вируси SARS-CoV-2, дар зербоби 1.2. доир ба хусусиятҳои биологӣ, дар зербоби 1.3. доир ба роҳҳои паҳншавии он дар дунё, дар зербоби 1.4. доир ба роҳҳои асосии сироятёбии одамон бо вирус, дар зербоби 1.5. доир ба услубҳои ташхиси бемории COVID -19 ва дар зербоби 1.6. доир ба тағйиротҳои нишондиҳандаҳои лабораторӣ хун дар беморони COVID-19 бо таҳлили адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ маълумот додааст. Натиҷаи таҳлили адабиёт нишон додааст, ки вируси SARS-CoV-2 дорои хусусиятҳои биологии хос буда, дар организми одамони сироятёфта дар натиҷаи илтиҳоби бофтаҳои шушҳо ва аксуламали масуният тағйиротҳои физиологӣ ва биохимиявии зиёдеро ба вуҷуд меорад.

**Дар боби дуюм** мавод, объект, шароит ва усулҳои таҳқиқот оварда шудааст, ки аз ду зербоб 2.1. объекти таҳқиқот, ки шумораи беморонро бо гуруҳбандии онҳо вобаста ба дараҷаи вазнинии беморӣ, синну сол ва ҷинс ҷудо мекунад ва 2.2. усулҳои таҳқиқот, ки дар он истифодаи усулҳои таҳлили таркиби газҳо ва ионҳои хуни беморон, таҳлилҳои клиникӣ ва биохимиявии хун, усулҳои омӯзиши системаи лахташавии хуни беморони COVID – 19 оварда шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки муаллиф зимни таҳқиқот шумораи муайяни беморонро мавриди омӯзиш қарор дода, аз услубҳои муосиртарини таҳлилҳои физиологӣ ва биохимиявӣ истифода намудааст.

**Дар боби 3 юм** муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро оид ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии таркиби хуни беморони COVID-19 нишон додааст. Бо истифода аз услубҳои муосир муаллиф таҳлили pH-и хуни шараёнӣ, фишори парсиалии оксиген ва оксиди карбон, таъғйирёбии басомади кори дил ва нафаскашӣ, миқдори электролитҳои хун, таҳлили умумӣ ва биохимиявии хун, интерлейкинҳо, формулаи лекотситарӣ ва лахташавии хуни беморони COVID-19 – ро таҳқиқ намудааст. Барои муайян намудани таъғйиротҳо дар нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявӣ муаллиф натиҷаҳоро дар гуруҳҳои беморон, ки вобаста ба дараҷаи вазнинии беморӣ ҷудо карда шудаанд ва бо нишондиҳандаҳои меъёрӣ муқоиса намудааст.

**Дар боби 4 – ум** баррасии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дода шудааст. Дар ин боб муаллиф натиҷаҳои бадастомадаро муҳокима намуда, онҳоро

бо натиҷаҳои бадастовардаи олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар муқоиса намудааст, ки ба талаботи таҳқиқоти илмӣ мутобиқат менамояд.

Хулосаҳои диссертатсия аз натиҷаҳои таҳқиқот мантиқан бармеоянд ва ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда пурра ҷавоб медиҳанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Натиҷаҳои диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» дорои аҳамияти назариявӣ ва амалии муҳим буда, барои дар оянда сари вақт муайян намудани тағйиротҳои физиологӣ ва биохимиявии дар организми беморони сироятии вирусӣ, аз ҷумла оилаи короновирусҳо имкон фароҳам меорад. Натиҷаҳои илмии бадастомада метавонанд дар соҳаи физиология, биохимия ва тиб васеъ истифода бурда шаванд.

Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот дар он асос меёбад, ки сари вақт ошкор намудани тағйиротҳои физиологӣ ва биохимиявӣ дар организми беморон имкон медиҳад, ки онҳо бартараф карда шаванд ва ин хароҷоти ташхису таҳлили минбаъдаро аз байн мебарад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуъи диссертатсия.**

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ муҳокима гардидаанд. Доир ба мавзӯи рисола 9 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маводҳои конференсияҳои илмию амалӣ аз чоп баромадаанд. Миқдор ва муҳтавои интишорот барои инъикоси натиҷаҳои асосии диссертатсия кофӣ мебошанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқарраргардида.** Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба маълумоти дохилии диссертатсия пурра мутобиқ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026 №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон» баъзе

камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, граматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон қайд намуд:

1. Таҳқиқоти илмӣ 600 нафар беморони гирифтори COVID-19 - ро, ки аз шумораи умумии онҳо мардон 362 (60,3%) ва занон 238 (39,7%) – ро ташкил додаанд дар бар гирифтааст. Як қатор таҳқиқотҳо, аз ҷумла миқдори эритротситҳо, гемоглобин ва гематокрит дар гуруҳҳои таҳқиқшавандаи мардон ва занон муқоиса карда шудаанд. Аммо дар диссертатсия мақсади ҷудо намудани гурӯҳи беморони таҳқиқшаванда вобаста ба ҷинс ва сабаби мавҷуд будани каме тафовут дар нишондиҳандаҳои лаборатории хуни занону мардон асоснок карда нашудааст.

2. Дар боби 1 – ум, ки шарҳи адабиёт ном дорад муаллифи диссертатсия доир ба таъғйирёбии нишондиҳандаҳои газҳои хун, ҳолати гомеостази ишқорию кислотагии хуни беморони COVID-19, миқдори электролитҳои хун, хуни канорӣ натиҷаи таҳқиқоти олимони ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистонро камтар инъикос намудааст. Таҳлили бештари адабиёти ҷаҳонӣ имкон медод, ки таъғйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии организми беморон бештару хубтар муайян карда мешуданд.

3. Дар боби 2 – юми диссертатсия муаллиф як қатор услубҳои анъанавӣ, аз ҷумла муайян намудани нишондиҳандаҳои лахташавии хун, миқдори креатинин ва аминотрансферазаҳоро нишон додааст. Хуб мешуд, ки барои муайян намудани нишондиҳандаҳои мазкур услубҳо ва таҷҳизоти муосир истифода бурда мешуданд;

4. Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидаи худро бо натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар дар боби 4 – ум камтар муқоиса намудааст. Хуб мешуд, ки натиҷаҳои мувофиқ ё ин ки ихтилофдошта бо натиҷаҳои дигар муаллифон дар ин боб бештар таҳлил карда мешуданд. Муқоисаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ имкон медод, ки дақиқӣ, навгонии илмӣ ва муҳимияти натиҷаҳо хубтар арзёбӣ карда мешуданд.

5. Дар диссертатия ва афтореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ҷой дорад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳамияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намегардонанд ва ба муҳтавои кор таъсири анфӣ надоранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Азизӣ Нигора Насрулло дар мавзуъи «Тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявии хун дар беморони COVID-19 дар шароити Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмхои биологӣ аз руйи ихтисоси 1.5.34. Физиология пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз руйи ихтисоси 1.5.34. Физиология сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои тиб, профессор,
директори Пажӯҳишгоҳи тибби бунёдии
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино Табариён Б.С.

Имзои Табариён Б.С. – ро тасдиқ менамоям
Сардори Раёсати рушди кадрии ДДТТ
ба номи Абуалӣ ибни Сино Сафарзода Б.И.

Суроға: 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Душанбе, н. Сино 29-31
E-mail: www.tajmedun.tj
Телефон: (+992) 446003977
«5» 11 2026с.

6.11.2026